Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk Austria International амалӣ мегардад

Мавод барои марказҳои захиравии корхонаҳои таълимӣ- истеҳсолӣ дар доираи лоиҳаи **«Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) оид ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот дар Тоҷикистон»** мураттаб гардидааст.



# ***«Таҳлили татбиқшавии лоиҳа оид ба истеҳсол ва маркетинги кавар»***


**Муҳаққиқ: Бахтиёр Абдувохидов**

**Ассотсиатсияи Зиёиёни-Илмӣ Техникии Тоҷикистон**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин-85а.
тел: (992 3422) 62432. Почтаи электронӣ: asti@sugdinter.com



Роҳнамои мазкур бо дастгирии молиявии созмони **Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаи «Центральная Азия - Инвест»** таҳия ва нашр гардидааст. Афкори нашрияи мазкур ифодагари ҳатмии сиёсат ва мавқеи созмони Иттиҳоди Аврупо намебошад.


**Августи 2009**

Thank you for using PDF Suite

**Мундарича** **Саҳ.**


| | | |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | **3** |
| **1.** | **Мақсад, усул ва географияи таҳқиқот** | **3** |
| **2.** | **Тавсифи кавар** | **4** |
| **3.** | **Таҳлили маркетингӣ** | **11** |
| **4.** | **Таҳлили ташкилӣ ва менеҷмент** | **13** |
| **5.** | **Асосноккунии техникӣ** | **18** |
| **6.** | **Таҳлили молиявӣ** | **25** |
| **7.** | **Хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ** | **26** |
| | **Хулоса оид ба асосноккунии техникӣ - иқтисодӣ** | **27** |
| | Замимаи 1. Нишонии ширкатҳои коркардкунанда дар Туркия | **30** |


Мухтасарот:
БХМ – бизнеси хурду миёна
ФР– Федератсияи Россия

Thank you for trying PDF Suite

**Муқаддима**

Hilfswerk Austria International дар ҳамкорӣ бо Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ-техникии лоиҳаи «Дастгирии корхонаҳои хурду миёна оид ба коркарди маҳсулоти меваву сабзавот дар Тоҷикистон», татбиқ мегардад, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар ҳудуди барномаи “Центральная Азия - Инвест” маблағгузорӣ шудааст.

Мақсади лоиҳа иборат аз мусоидат ба беҳтар кардани ҳамкории субъектҳои гуногуни агробизнес дар вилоятҳои Суғду Хатлон, аз тариқи ғояҳои нави бизнес, баланд кардани сифати хизматрасонӣ барои дастгирии корхонаҳои хурду миёна, фаъол кардани сектори коркарду бастабандии маҳсулоти ғизоӣ мебошад.

Дар ҳудуди лоиҳаи мазкур дар моҳи июни соли 2009 Ассосиатсияи зиёиёни илмӣ-техникӣ ташаббуси анҷом додани таҳқиқот оид ба таҳлили татбиқшавии лоиҳаи коркард ва маркетинги каварро ба роҳ андохт.

Таҳлили мазкур дар Тоҷикистон бо истифода аз сарчашмаҳои дуюмдараҷаи маълумот, истифодабарии маълумоти ба дастомада дар Кумита оид ба хоҷагии ҷангали Тоҷикистон, Институти Ботаникаи Академияи Илмҳои ҶТ, ҳамчунин маълумоти нашршуда дар сомонаҳои гуногун анҷом дода шудааст. Объектҳои таҳқиқот, мувофиқи дархости техникӣ, техника ва технологияи истеҳсол, бозорҳои фурӯш ва яклухт анҷом дода шудааст. Инчунин маълумоти зарурӣ аз тариқи интервю ва мушоҳидаҳо ба даст оварда шудааст.

Таҳлили мазкур барои соҳибкорон, намояндагони ассосиатсияҳои ҳирфавӣ, фермерон-соҳибкорон, коркардкунандагон ва ассосиатсияҳои маркетингӣ, ки масъалаҳои вусъат додани истеҳсол ва маблағгузориро ба навъҳои нави бизнес меомӯзанд, манфиатнок буда фаҳмиши васеи бизнеси «каварро» медиҳад. Кори мазкур дарки масъалаҳои нақшагирии бизнесро содда карда барои қабули қарорҳои дурусти бизнес мусоидат менамояд.

Ҳисоботи мазкур аз 7 қисм иборат мебошад. Дар қисми якум мақсад, усул ва географияи таҳқиқот ифода ёфтаанд. Дар қисми дуюм тавсифи мушаххаси кавар, истифодабарии он ва сифатҳои муфидаш ифода шудааст. Дар қисми сеюм таҳлили асосноккунии лоиҳае, ки аз муқаррар кардани имкониятҳои маркетинги маҳсулот, навъи мазкури маҳсулот, нархсозӣ, тавсифи истеъмолгарон ҷой доранд. Дар қисми чорум-таҳлили ташкилӣ ва менеҷмент, таҳлили навъҳои гуногуни ширкатҳо аз нигоҳи ташкили бизнес ҷой дода шуда, сохтори намунавии ташкилии ширкат, тавсифи идоракунии ширкат, кодекси намунавии рафтор дар ширкат, усулҳои ҳавасмандкунии коргарон оварда шудаанд. Дар қисми панҷум асосноккунии техникии лоиҳа муфассал ифода гардида, дар он таҷҳизот, ҷойгиршавии бизнес, технология тавсиф ёфтааст. Таҳлили молиявӣ дар қисми шашуми кори мазкур ҷой дода шудааст. Дар охир таҳлили хавфҳои қонунгузорӣ ва амалиётии ширкат оварда шудаанд. Ҳисоботи мазкур бо пешниҳоди хулоса оид ба татбиқи лоиҳаи истеҳсоли кавар анҷом меёбад.

## 1. Мақсад, усул ва географияи таҳқиқот.

**Мақсади таҳқиқот** иборат аз муқаррар кардани имконияти татбиқи лоиҳа оид ба истеҳсоли кавар дар Тоҷикистон дар сатҳи намояндагони БХМ аз тариқи асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳа мебошад.

**Усули таҳқиқот.** Барои татбиқи таҳқиқот асосан сарчашмаҳои дуюмдараҷа, интернет, нашрияҳо истифода шудааст. Инчунин дар рафти таҳқиқот усулҳои

Thank you for trying PDF Suite

сифатӣ ва воситаҳо дар шакли сафарҳо ва мушоҳидаҳо, татбиқи интевю, омӯзиши маълумот ва мавод дар маҳалҳо истифода гардидааст.
Дар кори мазкур сӯҳбат аз номи шахси ширкати тахайюлӣ бурда мешавад, ки метавонад дар ҳудуди аз 10 то 50 нафар кормандон, маблағгузории то 100,000 доллари ИМА ташкил карда шавад.

**Географияи таҳқиқот.** Тамоми таҳқиқот дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

## 2. Тавсифи кавар.

***Пайдоиш.***

Кавари хордор — растанӣ дар шакли бутаи хурд бо шохахои дарози паҳншавандаи дорои хорҳо мебошад, ки номаш ба он ишорат менамояд. Он дар давоми тамоми тобистон гул мекунад. Ғузаҳои ин растанӣ маводи хушбӯй мебошанд, ки онро хеле содда ҷамъоварӣ кардан мумкин аст, зеро кор дастӣ иҷро мегардад. Баъди гул кардан дар кавар буттамеваҳои дарозрӯй ба вуҷуд меоянд.

Номи кавар дар аксари забонҳои аврупоӣ ба номи юнонии он дар ҷазираи Кипр (Кипрос) kapparis вобаста буда, он дар навбати худ аз Шарқи Наздик ё Миёна гирифта шудааст. Каперси русӣ, франсузии - capres, немисии - Kaper, италянии - cappero, норвегии - kapers, шведии - kapris ва даниягии – kappertjes, армании – «капар», гурҷии – «капари», татарии — ялама ва ё «тарбузи шайтон»ро бо кавари тоҷикӣ муқоиса намоед. Португалии alcaparra ва испании alcaparron бо префикси хосаи арабии al –аз роҳи кавар ба ин кишварҳо шаҳодат медиҳад. Ҳиндуҳо дар шеваҳои гуногуни худ каварро kobra, kabra, ва ё kabarra меноманд. Дар Тоҷикистон кавари хордорро **КАВАР** меноманд.

Кавар гуфта гӯзаи гули растании Capparis spinosa-ро меноманд. Номи навъии растанӣ spinosa (хордор) аз хорҳои дар назди баргҳо ҷойгиршуда баромадааст, гарчанде хор дар аксари навъҳои парваришшуда он мавҷуд нест. Аввалин бор дар китобҳо маълумот оид ба кавар тахминан ба солҳои 2700 то эраи мо рост меояд. Меваи буттаи кавар дар сарчашмаи қадимтарини адабиёт «Эпоси Гилгамеш» вомехурад. Воқеан, кавар – тамоман мева набуда гӯзаи кушоданашудаи буттаи хордори кавар мебошад (Capparis spinosa).

***Паҳншавӣ***

**Паҳншавии умумӣ**. Ватани кавар – Осиё, Африкаи Шимолӣ ва Европаи Ҷанубӣ мебошад. Он дар кишварҳои Бахри миёназамин, Осиё ва Ҳиндустон, Россия ва кишварҳои ИДМ-дар Қрим, Кавказ ва Осёи Марказӣ пахн шудааст. Растаниро дар Фаронса, Испания, Италия, Африкаи Шимолӣ парвариш менамоянд. Дар ин кор бештар Испания маъруф аст, ки бештар аз 40% ҳосили ҷаъоваришуда ба ин ҷой рост меояд.

Аз ин давлатҳо ва вилоятҳо ба бозор беҳтарин навъҳо ворид мешаванд. Барои тайёр кардани ғизо онҳо ҳанӯз дар Юнони Қадим ва Рими Қадим истифода мегардиданд. Буттаи каварро метавон дар Девори Гиряи машҳур дидан мумкин аст, ки дар он ҷо он руста, ба байни тахтасангҳо реша давонда шохаҳояшро ба чандин метр кашол кардааст. Буттаи ҳаётдӯст ва беталаботи кавар тамоми тобистон гул карда ба ҳашарот ва занбӯрони асал шарбат дода ба паррандагон меваи худро ато менамояд.

**Паҳншавӣ дар Тоҷикистон:**
Дар Тоҷикистон растанӣ хеле пахн шуда барои доманакӯҳҳои мо хос мебошад, ба шакли худруй он хеле зиёд мерӯяд. Он дар теппаҳо ҳар ҷо ҳар ҷо, лаби ҷӯйҳо,



Thank you for trying PDF Suite

харсангҳо, хокҳои шағалӣ, сангӣ, шӯрахокҳо, доманакӯҳҳо, санглохҳо, биёбон, дар рӯи бому деворҳо, баъзан ҳамчун алафи бегона дар киштзорҳо мерӯяд.

Растанӣ дар хати нимсаваннаҳои пасталаф ва биёбоншуда, шибляки аз ҳамдигар дур буда, кӯҳдоманҳои лёссу сангӣ ва сангрезиҳо, камтар дар нишебиҳои камзамин ва ҳамвориҳо; одатан дар доманакӯҳҳои баландиашон 400— 1000 м, дар Помири Шаркӣ бо маҷрои дарё то баландии 2400 м паҳн шуда мерӯяд.

Минбаъд мо ареали паҳншавии растаниро мувофиқи маводи Институти Ботаникаи Академияи Илмҳои Тоҷикистон нишон медиҳем:

Қаторкӯҳҳои Курама:

- кӯҳҳои Кара-Чеку; Кон-Сой, Могол-Тау: домакӯҳҳои Могол-Тау, дар Рухаке, Акчопе, атрофхои Консой, инчунин дар ҳамворзаминҳо.

Назди Сирдарё:

- Хуҷанд; 12 км ба тарафи шимол аз ст. Мельниково; окр. Хуҷанд.

Кӯҳхои Туркистон:

- Истаравшан; байни Истаравшан ва Спитамен
- Атрофи Исфара; Шуроб.

Кӯҳхои Зарафшон:

- Ба шимол аз қишл. Ғарибак, водии Путхин, қишл. Рарз; Сангистон ва Рарз; атрофу акнофи Рошнаи-поен.

Кӯҳхои Ҳисору Дарвоз:

- Атрофи қишлоқи Хоҷаоби Гарм, болооби дарёи Таги-Камар,
- қишлоқи Кеврон; байни қишлоқҳои Кеврон ва Ҷарф, атрофи қишлоқи Ҷида-Булок;
- шимоли қишлоқи Боғ; ба шимолу ғарби қишлоқи Йол; вайронаҳои қишлоқи Вори; ба шарқ, қишлоқи Йол.

Тоҷикистони Ҷанубӣ:

- атрофи Душанбе; байни Регар ва Қаратоғ; чарогоҳи Тургак; чарогоҳи Гурчак; атрофи қишлоқа Ак-Су; атрофи Исаибак; қаторкӯҳи Ренген-Тау; нишебии ғарбии Карши-Тау; Хоҷа-Бул-Булак
- Балҷувон—Кангурт, Балчувон; Сари Чашма; қишлоқи Талкаш; ба ғарб аз шаҳраки Данғара; кӯҳҳои Хоҷа-Мастон; болооби Таги-Камар
- Ноҳияи Қабодиён; баландӣ ба чашмаи Ухлоу; дар ағбаи Фахробод (шоҳрохи то Қӯрғонтеппа), атрофи Қӯрғонтеппа; сатҳи Караланг; Байряга Тау; Хоҷа-Казьян; Ганҷино; байни шаҳраки Панҷ ва Панҷи Поён; ба шарқи қишлоқи Ляйляк-Уя; байни кӯҳҳои Хоҷа-Казьян ва Кызимчек; дар ғарби қаторкӯҳи Койки-Тау; қаторкӯҳи Боботоғ; қишлоқи Боғ-Ҷигда; кӯҳи Таги-Камар; Бешаи Палангон (Тигровая балка).
- Кара-Тау; Пархар—қишлоқи Сает; чашмаи Таллы; кӯҳҳои Табакчи



Тоҷикистони Шарқӣ.

- Ҳавзаи дарёи Одуди

Помири ғарбӣ

- Водии дарёи Кудара; қишлоқи Басит—қишлоқи Тот-Кургал.
- Ба шимол аз Хоруғ; атрофи боғи ботаникии Хоруғ
- Саргаҳи дарёи Бог

***Биология***

Thank you for trying PDF Suite

**Тавсифи ботаникӣ**. Кавари хордор (Capparis spinosa L.) – нимбуттаи бисёрсола бо шохахои паҳншавандаи дароз аз навъи Кавариҳо (Cappariadaceae), баъзан навъро ба оилаи карамҳо дохил мекунанд (Brassicaceae).
Растании дорои 1—2 м баландӣ. Решаи рост, дорои 10—12 м дарозӣ мебошад. Шохаи зиёд, паҳншаванда, дар поён пӯстлохдор, луч ва дорои мӯякҳои паҳншудаи сафед, ҷавон бошад-хеле зич мебошад. Баргҳои он дорои дарозии 3.5—6 см, тухмишакли мудаввар, эллипсшакл, дар боло тезшакл, сабз, луч ва ё паҳншудаи дур-дур, кӯтаҳпоя. Назди барг дарозии 4—7 мм, дар шакли хорҳои зард каме қатшуда. Гулҳояш 5—8 см дар диаметр, сафед, баъзан ранги зардтоб ва бунафштоб, яктогӣ дар чуқурии барг дар гулпояҳои дарозиашон 4—7 см ҷойгир шудаанд, ки аз дарозии барг зиёд аст. Косабаргҳо 25 мм дарозӣ доранд, қаиқшакл, аз берун каме мӯякҳои майда доранд. Гулбаргҳо то 4 см дарозӣ доранд, фонашакланд, аз берун мӯякҳои майда доранд. Қуттичаҳои дарозиашон 3—4 см дошта, тухмшакли чаппа мебошанд, луч ва суфтаанд. Гинофораш 5—7 см дарозӣ дошта, луч мебошад. Тухмиаш 2.5—2.8 мм васеъгӣ дошта, мудаввари-эллиптикӣ, хокистарранг, дар таги пардаи часпидаи борик, бо пӯши аз шарбат луҳобишаванда хоначаҳои торик, майдануқта дорад.

Аз моҳи май то июл мешукуфад; аз қисми дуюми июн ва июл ба мева медарояд. Тирамоҳ моҳҳои сентябр ва октябр аксаран дуюмбора гул мекунад. Аз мобайни гулаш наринагулҳои зиёди қирмизӣ ва ғураи дарозпоя намудор аст, ки ба мева - буттамеваи 8 хоначагӣ мубаддал мешавад. Меваҳо – буттамеваи як хоначагии гӯштдор, овалӣ, сабз, дорои тухмии зиёд мебошанд.


Расми 2. Растании кавар дар табиат

Кавари барои мақсадҳои ниҳоии таҳқиқоти мо – ғӯзаҳои растании алафӣ ва ё буттагии навъи Capparis spinosa мебошанд. Ин растаниро ба ландшафтӣ мансуб медонанд, зеро хусусан дар давраи гулкунии сафеду бунафши он симои маҳалро хеле дигаргун менамояд.

Тасодуф нест, ки бо кавар номи биёбони бузургтарини эронӣ Деште-Кевир вобаста мебошад (дар забони форсӣ каваро - "кевир" мегӯянд).
Растанӣ хоки ғаниро намехоҳад. Растании болиғ низоми қувватманди решагиро инкишоф медиҳад, ки он ба замин чуқур паҳн мешавад. Каварҳо ба хоки шӯр мутобиқанд. Растанӣ аз соли аввали инкишоф гул мекунад. Растании равшанидӯст ва ба камобӣ тобовар мебошад. Дар як ҷой бештар аз 15 сол мерӯяд. Ин растании хордор хеле пуртоқат мебошад: он гармо ва қатраҳои оби шӯри баҳрро хуб таамул карда дар рӯи санги холӣ калон мешавад.

Расми 3. Суратҳои кавар дар табиат



**Capparis spinosa**. Caper



**...** Câpres **- Capparis spinosa**



**Capparis spinosa**.



Photo of **Capparis spinosa**



**Capparis spinosa**



**Capparis spinosa** var. nummularia.



Kapers **- Capparis Spinosa**



**Capparis spinosa** L.



**Capparis spinosa**: Caper flower



**CAPPARIS spinosa** "Capers"



**Capparis spinosa**:



**Capparis spinosa** var. inermis at the **...** ]



Spineless Caper (**Capparis spinosa**)



**...** plant called "**Capparis Spinosa**".



**Capparis spinosa**



Кавари в цвету



**...** alcaparra, la(**Capparis**



**Capparis spinosa**



**Capparis spinosa**




Caper **- Capparis**

**spinosa**). rupestris **spinos**

**Афзоиш ва агротехника**. Бо тухмӣ афзоиш меёбад, ки онҳоро бевосита ба хок гӯр мекунанд ва ё бо ниҳолчаи дар гармхона парваришкарда, зиёд мекунанд. Ба ҷои доимӣ мекоранд ва ё дар «запольном клину» мешинонанд. Дар хоки хушки регдор ва ё сурегдор, ки барои коркарди дигар растаниҳои кишоварзӣ мувофиқ нест, инкишоф меёбад. Пеш аз гузоштани бунёди гармхона хокро аз алафҳои бегона тоза ва ба зери кишти асосӣ миқдори комили поруи минералӣ андохтан лозим аст. Бо тарзи васеъхаттак мекоранд (70 см ) фосилаи байни растаниҳо дар хаттак 40-50 см. мебошад. Нигоҳубин иборат аз саривақт хишова кардани алафҳои бегона мебошад.

Барои рушди кавар иқлими гармои хушк ва офтобӣ имтиёзнок мебошад. Растанӣ дар манотиқи дорои 350 мм бориши солона нагз инкишоф меёбад (боришот асосан дар мавсими зимистон ва баҳор) ва хеле содда гаромои тобистон-бештар аз 40°С-ро хуб тааммул мекунад. Зимнан, кавар сардии то андозаи -8°С-ро хуб аз сар мегузаронад.

Берун аз кишвар, ба ғайр аз ҷамъоварии кавари худруй, парвариши он низ ба роҳ монда шудааст. Дар Австрия ва Фаронса байни Тулон ва Марсел дар се деҳаи хурд бо парвариши он ба андозае машғул шудаанд, ки навъи нави буттаи бехори онро баровардаанд, аммо ин навгонӣ ба умедҳо ҷавобгӯ набуда камтоқат ва каммеватар баромада аст.

***Анвои истифодаи кавар***

**Аҳамияти хоҷагии кавари хордор:** Дар табиат онро танҳо гӯсфанд ва шутур мехурад. Ба ғизо навдаҳои ҷавон, ғӯза ва меваҳои он дар шакли тару тоза ва консервашуда истифода мешавад. Ғузаи он дар таркибаш маводи зерин дорад (дар % аз вазни моддаи комилан хушк): об 86—88, моддаҳои дорои азот 22—32, чарб 3.3—4.2, ВЗВ 37.5—54.5; ба ғайр аз он дар онҳо 0.32% глюкозиди рутин мавҷуд мебошад. Дар меваҳо 18% сафеда ва то 36% равғани нимхушкшаванда мавҷуд аст; дар муғҷаҳои гул 400—150 мг %, дар меваҳои норасида 56.5, ва дар расидааш 23 мг % витамини С мавҷуд аст. Пӯстлохи решаи он 1.2 % алкалоид дорад. Дар тибби мардумӣ ва ҳамчун маводи рангкунанда истифода бурда мешавад. Растании асаловар ба ҳисоб меравад.

Қисмҳои хӯрданибоби кавар:

- **Меваҳо**. Онҳо ба ғизо ба шакли тару тоза истифода мешаванд. Он бутамеваи ғилофакшакли дорои гӯшти сурхчатоб мебошад. Дар онҳо қариб 18 % моддаҳои сафедаӣ, дар тухмии он — то 30% равған, дар ғӯзаи он - қариб 0,32% рутин мавҷуд аст. Аз меваи он инчунин мураббо ва сукатҳо (мевабашакар) тайёр мекунанд.
- **Ғузаҳо**, ба хӯрок ба шакли тару тоза истифода мешаванд
- **Гулбунҳо ва навдаҳои ҷавони он, ки пеш аз кушодашавии пурраи гул канда шудаанд,** дар сирко ва намак консерва ва ё консервашудаи он -зимнан ҳамон «каперсҳо» ҳастанд, ки барои онҳо растании зери таҳлили ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Кавар бомуваффақият бо ҳадафҳои тиббӣ ва нонпазӣ истифода мешавад. Минбаъд мо дар ин бора муфассалтар шарҳ медиҳем.

Thank you for trying PDFSuite

***Истифодаи кавар бо мақсадҳои тиббӣ***

Тибби миллӣ аз давраҳои қадим каварро барои табобати бемориҳои гуногун истифода мебарад. Кавар ҷамъшавии газро дар бадан рафъ менамояд (ҷамъшавии газ дар меъда ва рӯдаҳо) ва таъсири зидди тарбодӣ дорад. Он инчунин қувватдиҳандаи ҷигар буда шарбати он фаъолияти ҷигарро қувват мебоахшад. Кавар барои табобати атеросклероз муфид буда, ҳамчун воситаи пешоброн ва тозакунандаи гурда истифода мешавад. Зарқ ва декоктҳои даво аз решаи кавар умдатан дар табобати истисқо (обхурак), камхунӣ, артритҳо ва ниқриз истифода мешавад. Кавар миқори зиёди антиоксиданти рутини Биафлавионоид дорад.

Чои решаҳои хушки он барои табобати сил истифода шуда, инчунин дар табобати зардпарвин, бемориҳои сипурч ва ҷигар истифода мегардад. Чой аз навдаҳои ҷавони кавар дар табобати шукуфаи бадан муфид аст. Бо чои он бавосирро табобат карда барои табобати дарди дандон низ истифода менамоянд.

Аз давраҳои қадим ҳамаи қисмҳои каварро ҳамчун хушбӯии таъом ва даво истифода мекардаанд. Чои гулҳои кавар барои рӯгирии захм, қувват додани дил истифода мешудааст; чои решаҳоро барои рафъи дард; мева (буттамеваи) каварро дар дарди дандон ва бемориҳои ғадуди сипаршакл; чои решаҳои онро дар неврозҳо; равғани тухмии каварро барои массаж истифода мекардаанд. Чои барг ва шохахои тари онро барои рафъи дард, сафро ва пешоброн истифода мекардаанд.

Дар тибби муосир қисмҳои тару тозаи буттаро дорои хусусияти бастани хун (вяжущее действие), зидди септикӣ ва бедардкунанда меҳисобанд. Як каф кавари пеш аз қабули ғизо истифодашуда иштиҳоовар аст. Мисли тамоми растаниҳо, кавар аз витаминҳо, бофтаҳо, туршиҳои органикӣ ғанӣ мебошанд. Ғузаи он наздики 25% сафеда ва 3% чарбҳо; мевааш аз витамини С ва йод бой аст; дар тухмии он то 36% равған мавҷуд аст. Коркарди гармро талаб накардан дар кавар тамоми моддаҳои фоиданокро дар шакли аввалаашон нигоҳ медорад. Чойи решаи каварро дар ревматизм, аллергияҳои гуногун истифода мебаранд. Онро барои табобати милки дандон низ ба кор мебаранд.

Кавар на танҳо хушлаззат, балки хеле муфид мебошад. Дар ҳар 100 грамм муғчаи он 150 мг витамини С ва миқори зиёди рутин (витамини Р) - 5 % мавҷуд аст, ки бинобар ин иштиҳо пайдо мешавад. Меваи он бештар аз 12% қанд, то 36% равғани чарбӣ дорад. Дар тухмии кавар то 50% равғани чарбӣ мавҷуд аст.

Беҳуда нест, ки ҳанӯз аз давраи Инҷил онро ҳамчун воситаи қувватдиҳанда ба кор мебурдаанд, номи "кавар" бошад, дар " энциклопедияи инҷилӣ ", ки дар соли 1891 дар Москва нашр шудааст, аз юнонӣ ҳамчун «хоҳишп, шаҳват» тарҷума шуда аст. Бо мақсадҳои табобатӣ навдаҳои нави онро низ истифода мекунанд – кӯфтаи он бо сирпиёз дар табобати бемориҳои замбӯруғии пӯст кӯмак мекунад. Оби гули он хусусияти рӯгиркунандаи захмро дошта обҷӯшаи решаи он асабро ором менамояд.

Таркиби химиявии он ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Моддаи таъсиркунандаи он гликозиди рутин буда, миқдори он то 5 %ро ташкил мекунад. Кавар аз давраҳои қадим ба сифати воситаи пасткунандаи фишори хун ба кор бурда мешудааст. Аммо онро бисёр истеъмол кардан мумкин нест, зеро кавар шикамдард карда истифроқ меоварад.

***Нақши кавар дар таббохии латифи халқҳои гуногун***

Кавар — қисми муҳими пантеони хушбӯиҳои анъанавии баҳримиёназаминӣ мебошад, ки ба он зайтун, салати рокет, анчоус ва артишок дохил мешаванд. Онҳоро ҳамчун маводи хуштаъмӣ ба таъоми гӯштӣ ва моҳӣ, шӯрбо, оби мева меандозанд, ки он ба ғизо таъми форами турш медиҳад. Барои ин каварро истифода менамоянд. Кавар барои тайёр кардани маринад ва майонез, ба сифати хуштаъмӣ ба хуришҳои сард, гӯшт, соусҳои сард ва таъомҳои гуногуни моҳӣ ва

Thank you for trying PDF Suite

парранда истифода мешавад. Онро қисми таркибии соусҳои сафеди гарм ба моҳӣ, гӯшт, таъомҳои томатдор ва ё селд (моҳии шӯр) меҳисобанд. Баъзе нозуктаъомҳо кавари бо намак ва мурч кӯфтаро дӯст медоранд. Анчоусхои мазкурро бе кавар тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Каварро барои тайёр кардани таъомҳои зиёд, баъзан пешакӣ дар об тар карда ва ё барои кам кардани намаки онҳо - ба оби ҷӯш тар карда истифода менамоянд. Таъми онро бо хардал ва ё мурч монанд мекунанд.

Нозуктаъомҳо каварро ҳамчун хуриши беҳтарини аз гулмуғҷаҳои сиркододашуда, мева ва навдаҳои ҷавон қабул кардаанд. Беҳтарин навъи кавар-аз Прованси кишвари Фаронса ба ҳисоб меравад: қимматтарини онҳо майдаи маринадшуда (наздики 1-3 мм) - nonpareille (нонпарель), ва ё surfines, - мебошанд, онҳоро ҳатман ба салати машҳури Ниццагӣ (salade Nicoise), ки аз картошка, меваи зайтун, лӯбиёи шамшерак, артишокҳои хурдакак ва тухми мурғи обпаз бо хуриш аз сирко ва равғани зайтун, баъзан анчоусҳо тайёр мешавад, илова мекунанд. Кавар (каперцы) – қисми муҳими таркибии салати нодири «Оливье» мебошад. Дар салати давраи шӯравӣ ин маҳсулоти аҷоиб- бо бодиринги шӯр, гардани харчанг бо сабзии пухта, гӯшти рябчик ё забон - бо гӯши мурғ ё ҳасиби Докторская иваз карда шудааст. Ҳоло кавар аҷоибии худро аз даст додааст, зеро онро дар мағоза дастрас кардан мумкин аст. Аммо то ба ҳол дар Россия нисбат ба саққочаҳои сабз дар банкачаҳо бо эҳтиёт муносибат менамоянд, зеро намедонанд, ки он чӣ мева буда онро бо чӣ мехуранд.

Баъзан ба сифати хуриши тезу хушбӯй меваву навдаҳои тозаи шӯр ва ё сиркододашудаи кавар ва ё барги кавар, меваҳои хоми онро истифода мекунанд, ки онҳо ба фурӯш кам ворид мешаванд. Ба ғайр аз он аз он равғани ғизоии растанӣ ҳосил мекунанд. Дар ҷойҳои рӯидани буттаи кавар метавон ҳатто асали каварро чашид.

Кавар беҳтар аз ҳама дар сирко боқӣ монда дар кишварҳои Баҳри миёназамин онҳоро шӯр карда килобайъ мефурӯшанд. Кавари сиркододашуда ба таркиби соусҳои анъанавии фаронсавии тартар (tartare), ремуляд (remoulade), равигот (ravigote) ва каварӣ (sauce capres) дохил шуда, онро дар асоси соуси велуте (sauce veloute) тайёр мекунанд, ки ба он кавар, қаймоқ ва равғани зард ҳамроҳ карда мешавад. Кавар бо ҳамаи алафҳои хушбӯи Баҳри миёназамин мувозин буда (райҳон, кокутӣ ва сирпиёз) бо меваи зайтуни шӯр ё сиркозада хеле хуб ҳамроҳ мешавад.

Кавари шӯр ё сиркододашуда таъми тез, дандонкундкунанда, турш, каме таъми хардалӣ дошта ба таъом таъми форам медиҳад. Таббохии миллатҳои гуногун кавари шӯр ва сиркододашударо ба таъоми гӯштӣ ва моҳигӣ барои ба онҳо тамъи нодир додан илова менамоянд. Ба ин маъно кавар таъми таъомро ба мисли глутамати натрий зиёд мекунад.

Буттамеваи кавар ширину обдор буда тарбузро ба ёд меорад. Онҳоро одатан тару тоза истеъмол карда ва ё аз онҳо мураббои ширин тайёр мекунанд. Юнониёни қадим меваи каварро хушконида онро барои ширин кардани таъом истифода мекарданд. Дар таъми шӯробаи он таъм ва бӯи буттамеваи кавар хеле тез аст.

Кавар дар баққолӣ пурра истифода шуда одатан онро бо намак ва ё кабудиҳо мекӯбанд ва ё майда реза мекунанд, то ин ки таъми шӯри онҳо баробар ба тамоми таъом тақсим шавад. Пеш аз истеъмоли кавар тавсия дода мешавад, ки онро шуста ва ё дар об тар карда намаки зиёдатиаш ҷудо карда шавад. Кавари сиркододашударо дар оби сирко нигоҳ доштан беҳтар буда, онҳоро бевосита пеш аз истеъмол берун кардан беҳтар аст. Дар ин ҳолат онҳоро дар яхдон то 9 моҳ нигоҳ доштан мумкин аст. Кавари шӯри хушкро дар ҳарорати хона дар давоми ним сол нигоҳ доштан мумкин аст.

Thank you for trying PDF Suite

Бӯи тези кавар бинобар равғани хардал доштанаш, ки дар вақти маҳс кардани танаи растанӣ эҳсос мешавад, мебошад. Ба ҷои кавар баъзан муғҷаҳои меваи растании настурсия низ дар шакли сиркододашуда истифода мегардад.

### 3. Таҳлили маркетингӣ

Дар гипермаркет ва супермаркетҳои муосири шаҳрҳои калон дар фурӯш кавари консервашуда мавҷуд аст. Аммо онро асосан ҳамчун қисми асосии соусҳои гуногун, аз ҷумла майонез истифода мебаранд. Муғҷаҳои тару тозаи он дорои талхии ногуворанд, ки он баъд аз хушонидан аз байн меравад. Каварро дар намак, намакоби сиркодор ва ё намаки дар равғани растанӣ об кардашуда консерва мекунанд. Кавари ба ин тариқ тайёр кардашуда таъми турши намакини каме тез дорад.

Каварро дар коркарди истеҳсолӣ ба сифати маринади дар маҳлули сиркои бо истифодаи намаки гранулашуда истифода мебаранд. Ҳамчунин барои маринад навдаҳои тару тоза, меваҳои нимрасида истифода мегардад.

Дар Тоҷикистон дар давраи таҳқиқот кавар истеҳсол намешавад. Маҳсулоти мазкур дар Тоҷикистон рақиб надорад, зимнан дар бозори дохилӣ фарҳанги истеъмоли маҳсулоти мазкур ба назар намерасад. Онро ҳамчунин "тарбузчаи хар" меноманд, ин тавр онро аҳолии маҳаллӣ ном мебаранд, ки дар он манфиати иқтисодӣ намебинанд. Баъзан кӯдакон меваи ин растаниро истеъмол менамоянд.

Ин растанӣ ҳамчун хори худрӯй ба ҳисоб меравад. Онро дар супермаркетҳои ш. Душанбе ба фурӯш пешниҳод менамоянд, аммо интервью бо фурӯшандагон маълум намуд, ки онро асосан хориҷиён ба ҳаҷми начандон калон харидорӣ мекунанд.

Дар минтақаи осиёи марказӣ ҳоло кавар ҳамчун маводи ғизоӣ дар менюи на танҳо тарабхонаҳои номдори Бишкек ва Алмаато, ки асосан ба хориҷиён хизмат мерасонанд, дохил шудааст, балки ба ғизои ашхоси пешадами маҳаллӣ низ ворид гардидааст. Аз соли 2006 меваи каварро барои фурӯш дар хориҷа аз Қирғизистони ҳамсоя сар кардаанд. Пионери ин кор дар Осиёи Марказӣ ҶДММ "Мунар" аз Ҷалолобод ОсОО (директораш Кенеш Турганбаев) дар ҳамкорӣ бо ширкати туркии Susitas (директораш Абдулло Шоҳин) мебошад.




Расми 4. Кавари намакин. Истеҳсолкунанда MELIS- EURO GIDA, Туркия

Корхонаи мазкур дар се соли охир бо ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи буттамеваҳои кавари худрӯй машғул мебошад. Ҳоло ин кор барои ба шакли ашёи хом ба худи Аврупои Ғарбӣ фиристодан, ки дар он ҷо он коркард шуда баъди сертификатсияи дахлдор ва тақсимбанди ба зарфҳои хурди шишагин ба мизи нозуктаъомон пешниҳод мегардад, анҷом дода мешавад. Ирӯзҳо Қирғизистон ин маводи қимматноки ғизоӣ ва доругиро ба Аврупо аз тариқи корхонаҳои коркардкунандаи Туркия мерасонад, ки онҳо қисми аксари фоидаро мегиранд. Дар соли 2007 ширкати мазкур ба Туркия наздики 300 тонна ва дар соли 2008 бештар аз 300 тонна каварро тайёр карда расонидааст. Зимнан дар мавсими тобистон дар корхонаи мазкур наздики 100 нафар кор мекунанд, ки қисме аз онҳо бо ҷамъоварии кавар, дигарашон – коркарди аввалия ва навъбандии мева банд мебошанд.

Thank you for trying PDF Suite

Ҳамчунин бо кӯмаки лоиҳае, ки аз ҷониби Andre Group, Бонки Ҷаҳонӣ ва Lincy Foundation дастгирӣ шудааст, инчунин лоиҳаи USDA Marketing Assistance дар Арманистон ҳамчунин истеҳсоли он аз тарафи ширкати ҶСК «Artashat Cannery», ки бо нишонии куч. 23 август, ш. Арташат, Арарат Марз, Армения. тел: 374.35.26.275, факс: 374.35.21.308, Email: Artcan@arminco.com. ҷойгир аст, ба роҳ монда шудааст. Роҳбари ширкати мазкур Mr. Sergo Karapetyan мебошад.

Ба андешаи мо, ташкили бизнес оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди кавар дар Тоҷикистон бояд танҳо ба содирот, асосан ба бозорҳои Аврупо самтнок карда шуда бошад. Дар ин ҳолат дар давраи аввал бояд ҳамкорӣ бо ширкатҳои коркардкунандаи кавар, ки барои онҳо кавар ҳамчун нимашё пешниҳод мешавад, ба роҳ монда шавад, минбаъд корхонаи ҳамкор барои маҳсулоти ниҳоӣ ва содирот ба бозори Аврупо ҷавобгар мешавад.

Дар Аврупо маҳсулоти Осиёи Наздик, Туркия ва худи кишварҳои Аврупо рақобат мекунад. Маҳсулоти серталабот дар бозор дорои харидори худ мебошад. Минбаъд SWOT – таҳлилеро, ки аз ҷониби ширкати фарзии истеҳсолгари кавар дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст, меоварем.

**SWOT – таҳлили ширкат**

| Тарафҳои қудратманд | Тарафҳои камқудрат |
|---|---|
| • Ин лоиҳа – аввалин аст<br>• Кавар ба миқдори зиёд мавҷуд аст<br>• Дастрасӣ ба ашёи хоми арзон<br>• Қувваи кории арзон<br>• Соддагии татбиқи лоиҳа | • оғози бизнес (касе бо бизнеси мазкур дар Тоҷикистон машғул нест)<br>• БХМ неметавонад харидории таҷҳизоти муосирро барои коркард ва бастабандии маҳсулоти ниҳоӣ анҷом диҳад, бинобар ин нимашё истеҳсол мекунад<br>• Кавар ба истеъмолкунандаи дохилӣ шинос нест |
| Имкониятҳо | Хавфҳо |
| • Ташкили парвариш ва нигоҳубини кавар<br>• Дастгирии давлат ҳамчун маҳсулоти инноватсионӣ | |

Дар Тоҷикистон касе бо истеъмол ва истеҳсоли кавар машғул нест. Ба ғайр аз ин, яке аз лаҳзаҳои муҳим он аст, ки технологияи пешниҳодшуда сатҳи пасти автоматикониро металабад. Асосан пешбинӣ мешавад, ки меҳнати дастӣ истифода шуда аҳолиро бо кор таъмин менамояд. Алалхусус, ки маҳсулоти мазкур дар Аврупо серталабот буда, Аврупо нисбати сифати маҳсулоти ғизоӣ талаботи хеле баланд дорад. Бинобар ин дар татбиқи лоиҳаи мазкур бояд ба истеҳсоли маҳсулоти босифат аҳамият дода шавад. Фактори мазкурро ҳангоми харидории таҷҳизоти зарурии истеҳсол ва бастабандӣ бояд ба назар гирифт.

Бинобар он, ки кавари реза нисбат ба калонҷинс қимматтар аст, мусаллам аст, ки кавари барои бозор аз рӯи ҳаҷм ва нарх комилан мувофиқтар ҷамъоварӣ ва тайёр карда мешавад.

Навъҳои беҳтарини кавар - фаронсавии Прованс ба ҳисоб меравад. Аз рӯи андоза қимматтарини маринаддодаи он (наздики 1-3 мм) - nonpareille (нонпарель), ва ё surfines мебошанд. Кавари калонтари capote (капот), ва ё communes, низ ба андозаи кофӣ хушлаззат ва арзонанд, гарчанде бо нонпарели реза тамоман муқоисаношуданӣ мебошанд.

**Ҳаҷми имконпазири бозор**

Аз рӯи маводи пешакӣ ҳаҷми бозори кавар бузург аст. Қирғизстон ба Туркия дар як сол бештар аз 300 тона каварро ворид мекунад. Аз рӯи таҳқиқоти университети Алеппо бошад, аҳолии деҳоти Сурия дар як сол бештар аз 4000 тон кавар ҷамъоварӣ мекунанд ва ҳамаи он ба савдогарони Туркия фурӯхта мешавад. Тайёркунандагони Қиргизстон ва Сурия каварро ба Туркия ворид мекунанд, ки дар он ҷо кавар коркард шуда ба Аврупо фиристода мешавад, ки дар он ҷо он беҳад маъмул аст. Ба андешаи мо, ҳангоми мавҷудияти талаботи бозор тайёркунандагони тоҷик дар давоми то 2 сол метавонанд ба ҳаҷми соле 100 тонна бароянд.

Ҳаҷми мушаххаси бозор ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои мушаххас мавзӯи таҳқиқоти иловагӣ дар шароити маҳал мебошад.

**Истеъмолгарони асосӣ**

Маҳсулоти тайёршуда ба корхонаҳои консервабарорие, ки барои бозори Аврупо кавар истеҳсол мекунанд, фурӯхта мешавад. Ин корхонаҳо ҳам истеҳсолгарони туркӣ ва ҳам Аврупо мебошанд. Маҳсулоти ниҳоӣ дар бозорҳои Аврупо фурӯхта мешавад.

Испания бештар аз 150 навъи худрӯй ва парвардаи каварро истеҳсол карда, истеҳсолгари пештози ҷаҳонӣ бо сатҳи миёнаи баробар ба истеҳсолоти бештар аз 3500 тоннаи метрӣ шинохта шудааст. Мувофиқи маълумоти U.S. International Trade Administration, Испания соҳиби 82% бозори контейнерҳои то 3,4 кг мебошад. Аммо контейнерҳои бештар аз 3,4 кг- 41% ба Туркия, 35,9%-ба Марокко мансуб мебошад. Ҳамчунин омор нишон медиҳад, ки имрӯзҳо содироти кавари намакин аз Туркия ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо афзуда истодааст. Нишонии баъзе истеҳсолгарону коркардкунандагони кавар ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ аз Туркия дар замимаи 1 оварда шудааст.

**Нархсозӣ**

Таҳлили бозори кавар дар Душанбе ва Алмаато нишон медиҳад, ки нархи кавар аз тарафи истеҳсолгар ва аз нархи бастабандӣ муқаррар карда мешавад. Кавари мавҷудбудаи аз тарафи супермаркетҳо пешниҳодшаванда дар Германия истеҳсол гардидааст. Нархи миёна ба 100 грамм наздики 3 долларро ташкил мекунад. Дар айни ҳол ҳиссаи нархи нимашё дар байни нархи маҳсулоти ниҳоӣ муқаррар нашудааст. Нархи маҳсулоти ниҳоӣ аз тариқи гуфтушунид, инчунин аз тариқи муқаррар кардани арзиши аслии тайёркунии кавар муқаррар карда мешавад.

**Бастбандии кавар**

Одатан каварро барои фурӯши чакана ба зарфҳои шишагини гарданборики дорои сарпӯшаки твист-офф бастабандӣ менамоянд. Вазни маҳсулот гуногун аст. Вазни камтарини он 50 грамм. Дар Аврупо зарфҳои шишгини 900 грамма истифода мешавад. Вазни аз ҳама маъмул 100 ва 200 грамм аст.

Барои истеҳсоли нимашё – бастабандии кавар метавонад зарфхои шишагини 2 литра, инчунин контейнерҳои пластикии ғизоӣ бо ҳаҷми гуногуни то 50 литр истифода гардад. Хулоса, навъи мушаххаси бастбандӣ аз ҷониби корхонае муайян мегардад, ки он каварро барои коркард мехарад.

**4. Таҳлили ташкилӣ ва менеҷмент**

Таҳлил ва баррасии қонунгузорӣ нишон дод, ки барои ташкили коркард Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ва ё кооперативи истеҳсолӣ шакли мувофиқтарин мебошад.

Thank you for trying PDF Suite

Хар яке аз шаклҳои мазкур метавонад барои ташкили бизнес оид ба коркард ва истеҳсоли кавар қабул гардад. Маълумоти муфассалтарро оид ба бартариҳои ҳар як шакли бақайдгирӣ дар нашрияи «Баррасии шаклҳои ҳуқуқии бақайдгирии бизнес. Таҳлил ва имкониятҳо» пайдо кардан мумкин аст.

## НАҚШАИ ТАШКИЛ ВА МЕНЕҶМЕНТ

Ташкили сохтории ширкат одатан реактивӣ, на балки проактивист. Ҳангоми ташкили ташкилот ва қабули кормандон дақиқ дарк кардани сохтори идоракунӣ ва тобеият, муайян кардани ӯҳдадорӣ ва ҷавобгариҳо зарур аст. Одатан таҳияи сохтори ташкилии ширкат хеле баъди оғози кор сар мешавад ва кӯшиши аввали он иборат аз ифодакунии он сохторе аст, ки дар ширкат мавҷуд аст. Аммо аз аввал фаҳмиши сохторишудаи дархостҳои ташкилот муҳим аст. Баъд аз он, ки сохтори воқеии ширкат муқаррар гардид, он воситаи идоракуние мегардад, ки ташкилотро ба суи расидан ба ҳадафҳо мебарад. Минбаъд мо сохтори ташкилии ширкатро, ки дар оғози кор истифода кардан мумкин аст, пешниҳод менамоем.

## СОХТОРИ ТАШКИЛӢ




Ворид кардани ҳамагуна дигаргуниҳо дар сохтори ташкилӣ ба салоҳияти Шӯрои директорони ширкат дода шудааст.

**Муомила бо муассисон/саҳомон**

Маҷлиси муассисон/саҳомон мақоми асосии идоракунии ширкат мебошад. Ҳимояи ҳуқуқи муассисони ширкат усули бунёдии кори ширкат мебошад. Тамоми қарорҳои директорон бояд ба манфиати муассисон ҷавобгӯ бошад.

Thank you for trying PDFsuite

Муассис/саҳомон ҳуқуқ доранд дар шӯрои директорони ширкат намояндагӣ кунанд, ки ин имкон медиҳад фаъолияти мустақилро татбиқ карда ҳамзамон риояи манфиати муассисон дар тамоми давраи фаъолият таъмин карда шавад.

**Усулҳои бунёдии кори Шӯрои Директорон**

Ширкат метавонад ҳамчун қисми ташкилии сохтори ширкат Шӯрои директорон дошта бошад. Тавсифи ҳар як узви Шӯрои директорон пешакӣ аз тарафи муассисон муқаррар карда мешавад. Дар байни ин Шӯро шахсиятҳое низ мебошанд, ки намояндагии манфиати саҳомонро ба дӯш доранд. Шӯрои мазкур дар назди маҷлиси муассисон ҳисобот медиҳад. Шӯрои директорон ӯҳдадориҳои худро одилона, оқилона ва мақсаднок пеш бурда ҳамеша дар паи манфиати ширкат амал мекунанд. Дар баробари ҷавобгариҳои Шӯрои директорон, ки дар ҳуҷҷатҳои оинномавии ташкилот ифода ёфтааст, мақоми мазкур барои таҳияи барномаи фаъолият, дид ва рушди стратегии ташкилот ӯҳдадор мебошад. Ҳамчунин мақоми мазкур назорати нақшаҳои соҳибкорӣ ва иҷрои онҳо, тайинкунӣ ва аз кор бозхондани директор, ташкили меъёрҳои баҳодиҳии кор, таъсиррасонӣ ба ахлоқ ва амалияи татбиқи бизнес ва фандрайзингро анҷом медиҳад. Шӯрои Директорон тамоми корро барои содда кардани кори Директор ҷиҳати татбиқи вазифаҳои гузошташуда ва ширкатро ба комёбӣ расонидан анҷом медиҳад.
Аъзоёни Шӯрои директорон набояд мақом ва мансаби худро барои манфиати шахсӣ ва ё манфиати ҷониби сеюм паноҳ кунанд ва ё истифода намоянд, бояд тартиби махфияти иттилоотро риоя намоянд.
Шӯрои Директорон мақоми фаъолу мустақили қабули қарорро дошта ҳуқуқ дорад ба ҳамагуна маълумоти ба он ҷиҳати қабули қарор зарурӣ дастрасӣ дошта бошад.
Шӯрои директорон бояд оиди ҳисоботи ҳарсола ва ҳуҷҷатгузорӣ, оид ба малакаву қобилиятҳо, таҷрибаи корӣ, узвият дар дигар ташкилот ва дигар маълумоте, ки нақш ва саҳми онро ба ташкилот маълум намояд, маълумот дошта бошад

**Комиссияи Ревизионӣ**

Фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро комиссияи ревизионӣ, ки аз тарафи Маҷлиси аъзоён одатан ба муддати 5 сол интихоб мегардад, назорат менамояд. Миқдор ва ҳайати Комиссияи Ревизионӣ бо қарори Маҷлиси аъзоён муқаррар карда мешавад. Аз ҷумлаи ҳайати аъзоёни Комиссияи Ревизионӣ раис интихоб мешавад. Комиссияи Ревизионӣ ҳар сол фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро ревизия карда дар назди Шӯрои Директорон дар бораи натиҷаҳои ревизия ҳисобот медиҳад.

**Директор**

Директор роҳбари пурраи ҳалқаи иҷроияи ширкат буда барои дастовардҳои умумӣ ва иҷрои стратегияи ширкат ҷавобгар мебошад. Директор қарорҳои аз тарафи Шӯрои директорон қабулшуда ва маҷлиси муассисон/саҳомонро татбиқ менамояд. Директор манфиатҳои ширкатро намояндагӣ карда вазифаи идораи ширкатро ба дӯш дорад. Дар ҳудуди салоҳияти худ директор ҳуқуқ дорад мувофиқи тартибҳои муқарраршуда, сиёсат ва миссияи ширкатро татбиқ ва бо ризоияти муассисон ва Шӯрои директорон қарорҳо қабул намояд.

Ҳамаи мансабҳои дигар дар ширкат махсус ва ҳудуди маҳдуди ӯҳдадориҳо ва ҷавобгариҳо пешбинӣ шуда барои рушди ширкат равона шудаанд.

**Кодекси ахлоқ, рафтори корӣ ва зиддияти манфиатҳо**

Фаъолияти ширкат мувофиқи принсипҳои ахлоқиву одоб анҷом дода мешавад.
Ширкат ба худ оид ба ташкили муҳити ихтисосии корӣ ӯҳдадорӣ мегирад.
Муносибати боэҳтиром нисбати ҳамдигар - яке аз унсурҳои муҳими сиёсати кадрии ширкат мебошад.

Thank you for trying PDF Suite

**Зиддияти манфиатҳо**
Ширкат ба зиддияти манфиатҳо роҳ надода манфиатҳои соҳибони ширкат, инвесторон ва саҳомонро ҳимоя  менамояд. Кормандон бояд ба ҳолатҳое роҳ надиҳанд, ки барои ба вуҷуд омадани зиддияти манфиатҳо асос шудааст. Тамоми амалҳое, ки аз тарафи кормандони  ширкат ва ё роҳбарияти он қабул карда мешаванд, аз ҷумла қарорҳои бизнесӣ,  набояд дар пайгирии манфиатҳои шахсӣ асос ёфта, сабаби ба манфиати ширкат ҳал накардани ягон масъала аз тарафи кормандон гардад. Ягон корманди ширкат ҳуқуқ надорад принсипҳои мазкурро вайрон кунад.
Бо мақсади  роҳ надодан ба зиддияти манфиатҳо:
Кормандони ширкат ҳуқуқ надоранд бевосита ва ё бавосита аз мизоҷон ва бенифисиарҳо мукофот гирад;
Кормандони ширкат наметавонанд вазифаҳои намояндагии дигар ташкилотро анҷом диҳанд.

**Сӯиистифода аз активҳои Ширкат**
Кормандон барои маҳфуз мондани активҳои ширкат  ҷавобгар буда, он активҳоро танҳо мувофиқи ҳадафҳои аслиашон истифода менамоянд. Дуздидан ва ё сӯиистифода намудан аз активҳои мазкур барои саривақт  андешидани чораҳои ҳуқуқии дар қонунгузории ҶТ пешбинишуда асос мебошад.

**Сиёсати гендерӣ**
Ширкат барои барқарор кардани баробарии гендерӣ кӯшиш менамояд, аммо ин баробарии миқдориро дар назар надошта, чунин маънӣ дорад, ки ба мардон ва занон имкониятҳои баробар дода мешавад.
Ширкат барои мардон ва занон имкониятҳои баробарро ҷиҳати такмили малакаҳои тахассусӣ бо роҳи пешниҳоди тренингҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ҳ.к. таъмин менамояд.
Ширкат  принципи нисбати кормандон, аз ҷумла донорҳо, ҳамкорон, бенефициантҳо, мизоҷон, воридкунандагони ҷинси марду зан ба хушунат роҳ надоданро пайгирӣ менамояд.

**Махфият**
Ба кормандон ошкор кардани маълумоти махфии вобаста ба фаъолияти ташкилот манъ аст. Маълумоте, ки бояд ошкор нашавад, вобаста бо технологияи истеҳсоли мол, марбути молия, маълумоти махсуси вобаста ба бехатариро дарбар гирифта, аммо бо он маҳдуд намешавад.

**Робитаҳои ҷамъиятӣ**
Ширкат пайгири меъёрҳои олии ахлоқӣ дар татбиқи робитаҳои ҷамъиятӣ ва кор бо мизоҷон мебошад.

**Намунаи сиёсати зидди-дискриминатсия**
Намунаи сиёсати зидди дискриминация бояд бо ифодаи мазкур дарҷ гардад:
*Корфармо барои ҳама имкониятҳои баробарро пешниҳод менамояд. Корфармо кормандонро тафриқа намегузорад ва оид ба қабули кормандон, эълон оиди ҷои кори холӣ, ҷубронпулӣ, бекор кардани шартномаҳо, рушди вазифавӣ ва дигар шароитҳо " қарорҳои дахлдорро" дар асоси ранги пӯст, синну сол, мансубияти этникӣ, пайдоиши миллӣ ва ё мансубияти ҷинсӣ қабул намекунад.*

**Намунаи сиёсати зидди хушунат**
Намунаи сиёсати anti-хушунат метавонад бо ифодаи мазкур дарҷ карда шавад:

Thank you for trying PDF Suite

*Корфармо барои ташкили муҳити озод аз хушунат ҷавобгар мебошад. Хушунате, ки дар нишонаҳои ҷинсӣ, синну сол, мансубияти этникӣ, пайдоиши миллӣ, мансубияти динӣ ё ин, ки сифатҳои аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинишуда асос меёбад. Дар назар аст, ки ҳамаи кормандон, аз ҷумла менеҷерон ва дигар кормандони дастгоҳи маъмурӣ-идорӣ сиёсати мазкурро риоя менамоянд.*

Эзоҳ: Шумо метавонед муқаррароти хушунаи шаҳвониро ба сиёсати худ ворид намоед. Намунаи таърифи он чунин метавонад буд:
*Хушунати шаҳвонӣ - рафтори табиати шаҳвонӣ доштае аст, ки ба шахсият ва ё одамоне, ки ба онҳо равона шудааст, номатлуб ва таҳқиркунанда мебошад. Намунаи ин гуна рафтор наздикии барзиёди ҷисмонӣ, шӯхиҳои табиати шаҳвонӣ дошта, сӯҳбат дар мавзӯи шаҳвонӣ, шӯхӣ ё қайд, таъкиди мазмуни шаҳвонӣ дошта, ҳаракат, намоиш додани расму акс, тарҳу нигораҳои мазмуну табиати шаҳвонӣ ё порнографӣ доштаро фаро мегирад. Истифодабарии низоми компютерии корфармо барои тамошо ва ё паҳн кардани маводи самти шаҳвонӣ дошта ҳамчунин метавонад ҳамчун хушунати шаҳвонӣ баррасӣ гардад.*

**Риоя накардани моддаҳои кодекси одоб**
Ҳамаи кормандоне, ки оид ба фактҳои вайрон кардани кодекси мазкур дар ҷои кор ва ё ҳолатҳои бо кор вобаста хабардор мебошанд (ва ё иштирокчии онанд), бояд дар бораи ин гуна вайронкуниҳои кодекси одоб фавран роҳбарияти ширкатро огоҳ намоянд.

**Методҳои ҳавасмандкунии кормандон.**
Методҳои ҳавасмандкунии кормандон хеле гуногун буда, вобаста аз дараҷаи таҳияшуда будани низоми идоракунӣ ва хусусиятҳои фаъолияти худи ташкилот мебошанд. Аз ҷумла методҳои мазкури ҳавасмандкунии рафтори самараноки меҳнатӣ мавҷуд аст:
- ҳавасмандкунии моддӣ;
- методхои ташкилӣ;
- ахлоқӣ-равонӣ.

Шакли бештар маъмули ҳавасмандкунии моддӣ *мукофоти фардӣ* мебошад. Онро як дафъа дар як сол/ семоҳа пардохтан мақсаднок мебошад, дар ҳолати баръакс он ба музди меҳнат табдил ёфта, нақши ҳавасмандкунандаи худро аз даст медиҳад. Пешакӣ муқаррар кардани фоизи мукофот оид ба ҷамъбасти давраро муайн карда онро мувофиқи дастовардҳои корманд танзим кардан мақсаднок мебошад. Андозаи мукофот маъмулан бояд на камтар аз 30% музди меҳнати асосиро (мувофиқи Ф. Тейлор), ташкил карда дар айни замон дар зинаи поёнии роҳбарият бояд 10-30%, сатҳи миёна -10-40%, сатҳи олӣ- 15-50% бошад.
Самаранокии мукофотонӣ умдатан аз интихоби дурусти нишондиҳандаҳо, дифференсиатсияи онҳо вобаста аз нақш ва сифати воҳиди сохторӣ, сатҳи мансаб, самтгирӣ ба саҳми воқеӣ ва натиҷаҳои ниҳоӣ, критерийҳои тадбиркоронаи баҳодиҳии комёбиҳои корманд вобаста аст.
Қаноатмандӣ аз мукофоти моддӣ, дараҷаи адолатнокии он ташаббуси одамонро такон дода дар онҳо садоқатро ба ташкилот парварида ба корхона коргарони навро ҷалб менамояд.

***Роҳҳои ташкилии ҳавасмандкунӣ (ҳавасмандгардонӣ) чунинанд, аз ҷумла:***
Иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ (одатан иҷтимоӣ);
Имконияти ба даст овардани донишу малакаҳои нав;
Ғанӣ кардани мазмуни меҳнат (пешниҳоди кори ҷолибтар бо дурнамои рушди вазифавӣ ва ихтисосӣ).



Thank you for trying PDF Suite

***Методҳои ахлоқӣ-равонии ҳавасмандкунӣ чунинанд, аз ҷумла:***

- ташкили шароите, ки ба ташаккулёбии ифтихоти тахассусӣ, ҷавобгарии шахсӣ нисбати кор мусоидат мекунанд (мавҷудияти ҳиссаи муайяни хавф, имконияти комёб шудан);
- мавҷудияти даъват, таъмини имконияти худро дар меҳнат ифода намудан;
- шӯҳрат ёфтан (шахсан ва дар ҷомеа) (тӯҳфаҳои қиматнок, ифтихорномахо, Тахтаи фахрӣ ва монанди он. Барои хизматҳои шоён – додани ордену медалҳо, нишонҳои сарисинагӣ, унвонҳои фахрӣ ва дигар);
- мақсадҳои олӣ, ки одамонро ба меҳнати самаранок рӯҳбаланд менамояд (ҳамагуна фармоиш бояд дар худ элементи даъватро дошта бошад);
- муҳити эҳтиром ва боварии ҳамдигарӣ.

**Назарияи ҳавасмандкунии Абрахам Маслоу.**
Аввалин назарияи баррасишаванда назарияи пайдарҳамии талаботи Маслоу ном дорад. Мазмуни он иборат аз таҳлили талаботи инсон мебошад. Он назарияи барвақтӣ мебошад. Тарафдорони он, аз ҷумла худи Абрахам Маслоу, чунин мепиндоштанд, ки рафтор, на тафаккури предмети психологияи инсон аст. Дар асоси рафтор бошад, талаботҳои инсон қарор доранд, ки ба 5 гурӯҳ тақсим мешаванд:

- талаботи физиологӣ, ки барои ҳаёти инсон заруранд: ғизо, об, истироҳат ва ҳ.к.;
- талабот нисбати амният ва субот ба оянда – боварӣ ба он, ки аз хавфҳои ҷисмонӣ ва дигар аз ҷониби муҳити атроф дар оянда қонеъ карда мешаванд;
- талаботи иҷтимоӣ - зарурат ба муҳити иҷтимоӣ. Дар муомила бо одамон, ҳисси «китф» ва кӯмаку дастгирӣ;
- талабот ба эҳтиром, шӯҳрат дар назди атрофиён ва ҳаракати шахсан комёб шудан;
- талабот нисбати худизҳорсозӣ, яъне талабот ба рушди худӣ ва татбиқи имкониятҳои худӣ. (Замимаи 1)

**Маслиҳатҳои амалии ҳавасмандкунии комёбонаи кормандон**
1. Маслиҳати пешгузаштагонро ба назар гиред
2. Шахсан шуморо чи ҳавасманд мекунад?
3. Дарк кунед, ки кормандонатон аз кор чӣ мехоҳанд
4. Ба кор таваҷҷӯҳ зоҳир намоед
5. Факторҳои халалрасонро бартараф намоед
6. Меҳрубонӣ зоҳир намоед
7. Бо ҳавасмандкуниҳои пулӣ эҳтиёткор бошед!
8. Қарор қабул намоед
9. Дигаргуниҳоро идора намоед
10. талаботи онҳоро нисбати таълим омӯзед
11. Робитаро таъмин намоед

Ҳамин тавр, барои бақайдгирии ташкилот ва интихоби нақшаи идоракунӣ тахлили ҳаматарафа зарур мебошад. Зимнан бояд ба назар гирифта шавад, ки фандрайзинг, гирифтани кредитҳо, ҷалби ҳамкорон ва инвесторон чӣ гуна хоҳад буд.

**5. Асосноккунии техникӣ**

**Ҷойгиршавии бизнес**
Интихоби ҷойгиршавии бизнес бояд наздикии ашёи хоме, ки аз он маҳсулот истеҳсол мешавад, ба назар гирифта шавад. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ истеҳсолоти



Thank you for trying PDF Suite

мазкур метавонад ҳам дар шимол ва ҳам дар ҷануби Тоҷикистон бо самаранокии якхела фаъолият намояд. (Муфассалтар ба ареали паҳншавии растанӣ дар боб муроҷиат гардад). Аммо мусаллам аст, ки бояд истеҳсолот дар минтақаи рустани он, алалхусус дар нуқтаҳои тайёркунӣ ташкил ва сохта шавад. Ташкили хатҳои технологии камқудрат дар наздикии манотиқи рустани ашёи хом имконият медиҳад, ки зиёни ашёи хом ҳангоми интиқол ба маротиб кам карда шавад. Дастрасии доимӣ ба барқ хеле муҳим аст, зеро таъминоти барқ дар Тоҷикистон боиси нигароист. Ҳамин тавр, низ бояд сукунати наздики коргарон ба назар гирифта шавад. Дар муассисаи вуҷуддошта бояд дастрасӣ ба об, канализатсия таъмин карда шавад.

Барои истеҳсолот метавон бинои худӣ ва ё иҷора истифода гардад. Сохтмони коргоҳ дар асоси хатҳои камқудрат мӯҳлати зиёд намехоҳад ва баргардонии воситаҳои гузошташударо таъмин менамояд.

Биноҳои мазкур бояд таҷҳизонида шавад:

1. анбор барои вориди ашёи хом (барои кавар алоҳида ва алоҳида барои намак, сирко, ва дигар арзишҳои молӣ-моддӣ),
2. анбор барои маҳсулоти тайёр,
3. бинои истеҳсолӣ барои татбиқи истеҳсолот,
4. бинои офис,
5. бинои маишӣ (либоскашӣ, туалетҳо, душхона, хонаи беҳдоштӣ),
6. постгоҳ

Тамоми масъалаҳо ҳангоми таъмири бино ба назар гирифта мешаванд.

Барои истеҳсолот биное зарур аст, ки ба талаботи санитарӣ-гигиенӣ ҷавобгӯ буда, бо оби ошомиданӣ ва канализатсия таъмин бошад. Дар бино бояд барои хатҳои истеҳсолӣ ва навъҷудокунандагон ҷои кофӣ мавҷуд бошад.

**Шароити санитарӣ-гигиении истеҳсол ва нигоҳдорӣ**

Шароити санитарӣ- гигиении ҷавобгӯ ба талаботи меъёри маҳсулоти ғизоӣ. Тозагии бино, хати истеҳсолӣ. Коркарди ҳарҳафтаинаи хат, дар ҳар 6 моҳ гузаштани муоинаи тиббӣ аз тарафи коргарон. Туалетҳо берун аз бино ҷойгир буда таъмири асосӣ металабанд. Душхонаҳо дар истехсолот пешбинӣ нашудаанд.

**Ашёи хом, маводи бастабандӣ, қуттиҳо**

Ашёи хом барои ҷамъоварӣ дар давраи аз июн то сентябр. Аммо, барои давраи дуюм – сатҳи коргоҳҳои хурд, харидории кавари тайёркардашуда аз аҳоли метавонад тамоми сол давом ёбад. Яъне, ҳангоми ташкили дурусти бизнес ва тайёр кардани он дар ҷойҳо, корхона метавонад тамоми сол кор карда воридшавии ашёи хомро пешакӣ ба нақша гирад. Ашёи хом-намак ва сирко, мебошад, ки тамоми сол мавҷуд аст.

Муассиса бояд аз ҷумла зарфҳои гардишӣ, халтаву пешгир барои каварчинҳо дошта бошад. Ҳамин тавр контейнер барои тайёр карда минбаъд нигоҳ доштани маҳсулоти тайёр бояд мавҷуд бошад. Маводи бастабандӣ дар тамоми сол мавҷуд мебошад.

**Кормандон**

Барои татбиқи истеҳсолот ҷалби кормандон ба миқдори 12 нафар, аз ҷумла кормандони истеҳсолӣ ба миқдори 6 нафар лозим аст. Ҷадвали бастӣ дар поён оварда шудааст. Ба хароҷот барои қувваи корӣ музди меҳнат ва ҳисобкуниҳои марбути он, инчунин таъмини либоси корӣ – хилъату рӯймолҳо барои занон (донае 10 долларӣ), либоси корӣ ( ҳар яке 20 долларӣ) –танҳо барои коргарони истеҳсолӣ 2 маротиба дар як сол дохил мешаванд.

Thank you for trying PDF Suite

Кувваи корӣ тамоми сол мавҷуд аст. Ба хароҷоти иловагии коргоҳ хароҷот барои дар анбор нигоҳ доштан ва муҳофиза низ дохил намешавад.

| Номи вазифа | Микдор ҳангоми пурра ворид кардани қудратҳо | Музди меҳнат, сомонӣ | ФОТ дар моҳ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| Директор | 1 | 1000 | 1000 |
| Таъминот ва маркетинг | 1 | 875 | 875 |
| Сармуҳосиб | 1 | 500 | 500 |
| Муҳандис/технолог/механик | 1 | 500 | 280 |
| Техничка | 1 | 120 | 120 |
| муҳофизат | 1 | 300 | 300 |
| ***Ҷамъ коргарони доимӣ*** | ***6*** | | ***3495*** |
| Коргарони истеҳсолӣ | 6 | 300 | ***1800*** |
| **Ҳамагӣ** | **12** | | **5295** |
| Ҳисобкунии ФСЗН - 25% | | | 1323,75 |
| Ҷамъ хароҷот барои музди меҳнат | | | 6618,75 |

Барои ташкили ҷамъоварии кавар бояд дар хонаҳо нуқтаҳои тайёркунӣ ташкил кардан лозим аст. Дар ҳар қишлоқ бояд тайёркунанда интихоб карда шавад, ки ба ӯ аҳолӣ кавари ҷамъоваришударо месупорад. Нархи кори тайёркунанда ба нархи тайёркунии кавар дохил мешавад. Зеро ҷамъоварии кавар дар мавсими тобистон ба давраи истироҳати хонандагон рост омада, ба он хонандагону студентонро ҷалб кардан мумкин аст.
Ҳамчунин омӯзиши аҳолӣ ва нуқтаҳои тайёркуниро бо тарзи консервабарорӣ ташкил кардан мумкин аст, то ки ҷамъварии кавар дар давраҳои баъдӣ ба роҳ монда шавад.

**Интиқол**
***Ашёи хом:*** истифодабарии нақлиёти иҷоравӣ бо мақсади интиқоли ашёи хом тавсия дода мешавад. Ҳар гоҳ, ки тайёркунанда ҳаҷми муайяни каварро ҷамъ кард, он ба муассисаи коркардкунанда интиқол дода мешавад.
***Маҳсулоти тайёр***: бинобар аз харидор вобаста будан, маҳсулот бо вагонҳо ё контейнерҳои роҳи оҳан ва ё нақлиёти боркаш интиқол дода мешавад.

**Ҷамъоварии ашёи хом**

Ҷамъоварии кавар дар мавсими баҳор, аксаран тобистон ба амал омада каварчинон аз ҷумлаи бекорон, асосан занон ҷалб карда мешаванд. Ғузаҳои қимматноктар - реза, мудаввар ва сахт. Ҷамъовариро аз моҳи июн сар мекунанд, он гоҳе, ки ғузаҳо ҳанӯз кушода нашуда дарозиашон аз 10 мм зиёд намебошанд, онро баъди ҳар ҳашт – нӯх рӯз то моҳи сентябр, то 12 маротиба дар рафти мавсим мечинанд. Ҷамъоварӣ доимо дар давоми мавсими ҷамъоварии ҳосил сурат мегирад. Ба роҳ мондани ҷамъоварӣ ва фурӯши кавар метавонад ба пайдоиши даромади иловагӣ байни аҳолии камбизоати деҳот мусоидат намояд.

Таҷрибаи каварчинор дар Австралия нишон медиҳад, ки каварчин метавонад дар 1 соат 1 кг кавар чинад, ки дар ин вақт ӯ бояд фосилаи на камтар аз 50 метрро тай намояд. Ҷамъоварии кавар пагоҳии барвақт огоз мегардад. Ба ин ду сабаб мусоидат менамояд:

1. гармои рӯз корро вазнин мекунад

Thank you for trying PDF Suite

2. гули кавар дар зери офтоб тез кушода шуда танҳо ним рӯз боқӣ мемонад. Гулҳои нокушода бояда дар рӯзҳои хушкӣ ҷамъоварӣ гарданд.

Ҳосили каварро дар мавсим чанд маротиба мегиранд ва гулҳои нокушода ҳатман пагоҳии барвақт дастӣ ҷамъоварӣ мешаванд – чӣ қадаре онҳо майда бошад, тамъашон ҳамон қадар хубтар аст. Гулбунҳои ҷамъоваришударо ҳеҷ гоҳ хушк намекунанд - онҳоро дуд дода баъд бо равған (одатан зайтун) дар намак мехобонанд ва ё дар сиркои шароб маринад мекунанд (зимнан, кавари намакӣ нисбат ба сиркогӣ беҳтар нигоҳ дошта мешаванд).

Бехтарин навъҳо аз рӯи даромаднокӣ бо ангур рақобат мекунад, алалхусус ки хароҷот барои парвариши кавар минималӣ буда, аз як растанӣ дар мавсим то 3 кг гулбун ҷамъоварӣ мекунанд.

Каварчинони Бахри миёназамин аз моҳи январ навдабуррии буттаҳоро анҷом медиҳанд. Он барои беҳтар кардани ҳосилнокӣ хеле муҳим аст. Ҳосили бештар дар солҳои 3-4 ба вуҷуд меояд. Ба шохаҳои пир, вазнин ва хушк навдабурӣ мешаванд. Гулбунҳо дар навдахои нави яксола ба вуҷуд меоянд. Растании сесола аз 1 то 3-х килограмм гулбун медиҳад. Растанӣ метавонад то 20 сол ҳосил диҳад.

**Коркард. Мазмуни раванди технологӣ**

Коркарди кавар метавонад дар се сатҳ анҷом дода шавад

1. дар сатҳи хоҷагиҳо ва нуқтаҳои тайёркунии каварҷамъкунӣ
2. коргоҳҳои хурд
3. корхонаҳои консервабарорӣ, ки каварро дар шакли нимашё аз коргоҳҳои хурд мехаранд.

Дар айни замон коркард аз рӯӣ блок схемаи мазкур бо такмили баъзе равандҳо анҷом дода мешавад.

Дар ҳамаи сатҳ кокарди аввалӣ- калибргирӣ мебошад. Аз сатҳи якум – сатҳи каварчинон ва хоҷагиҳо: каварро бо ёрии ғалбери калончашм тақсимбандӣ ва майдатаринашро ҳамчун навъи олӣ ҷудо мекунанд.

**Блок схемаи1. Коркарди кавар**




Дар ҳамаи сатҳи тайёркунӣ каварро аз рӯи андоза бо андозаҳои мазкур тақсимбандӣ мекунанд:

- Nonpareilles 0-7mm
- Surfines 7-8mm
- Capucines 8-9mm
- Capotes 9-11mm
- Fines 11-13mm
- Gruesas >13mm

Кавари резатарин, мудаввар ва сахт гуворо ва қимматтарин ба ҳисоб меравад, «nonpareilles» — «беҳамто» тарҷума мешавад, аз ҳама арзон — «capucines» (капусин), ҳамчунин «capottes» (капюшон), ки чанд маротиба аз беҳамто калонтар мебошанд.

Таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки он нисбат ба ҷамъоварӣ - тезтар мерӯяд, танҳо 15% аз ҳаҷми умумӣ дар сатҳи 5-8 мм ҷойгир мешаванд, танҳо 3% дар сатҳи 5-6mm, ва 5% дар сатҳи 7mm ҷойгир мешаванд.

Дар Италия каварро аз рӯи рақамҳои аз 7 то 16 тақсим мекунанд, ки ба андозаи онҳо дар миллиметрҳо мувофиқат мекунад. Барои навъгирӣ экранҳои механикӣ истифода мешаванд, ки баъди ин онҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд. Дар айни ҳол навъҳои қимат андозаҳои то 1 сантиметр доранд.

Thank you for trying PDF Suite



**Расми 5. Халтаи калон ба фитаи конвейер барои калибргирӣ рехта мешавад. Марокко. Коргоҳи кавар.**

Раванди табдили гулбунҳои кавари худрӯй барои деликатес хеле тӯлонӣ ва меҳнатталаб мебошад: гулбунҳои резаи бастаро саҳари барвақт дастӣ чида, аз ғалбер гузаронида, дар ҷойи офтобӣ дуд дода, аз рӯи ресептҳои қадима намак ё сирко медиҳанд. Масалан, гулбунҳоро ба обҷӯши намакин тар карда дар маҳлули намак ва сирко нигоҳ медоранд, чанд маротиба маринадро дигар мекунанд, ва ё ба маҳлули равғани зайтун ва намак ҷой медиҳанд. На камтар аз 3 моҳ зарур аст, ки кавар дар муҳити шӯр расида ранги сабзи торик ва танаи зич пайдо кунад. Барои он, ки кавар бе маринад тайёр карда шавад, онро ба зарфҳои шишагин ҷойгир карда намак мепошанд, баъд он об кушода, хушк шуда ва солҳо нигоҳ дошта мешавад.

**Дигар роҳҳо низ ҳастанд:** Гулбунҳои ҷамъоваришуда ду маротиба бо обҷӯши намакин тар карда шуда ба зарфи шишгин ҷойгир карда мешаванд, ба он маҳлули намаку сирко рехта мешавад; баъди як моҳ сирко рехта шуда наваш ҳамроҳ карда мешавад, ки ба он каме эссенсияи уксус ҳамроҳ мекунанд.

**Дигар усули коркард:** каварчинон баъди калибргирӣ – яъне вақте гулбунҳоро чида дар соя дуд медиҳанд, онро ба муҳлати 3 моҳ ба намак ва ё намаку равғани растанӣ мегузоранд. Кавари бо ин тарз тайёршуда дорои таъми туршу шӯр ва каме тез ва бинобар тайёркунӣ-талхаки гуворо мешаванд. Баъди коркард он ранги сабзи торик ва андозаи нахутро мегирад.

*Ҳамин тавр оилаҳои каварчин онро бо намак омехта дар контейнерҳои пластикӣ ба он об мерезанд. Бо ҳамин тарз онро ба 1 сол косерва карда мемонанд. Ҳамин ки кавар давраи якуми коркардро гузашт, он барои интиқоли минбаъда барои коркард тайёр мешавад.*

Савдогароне, ки моли пешакӣ коркардшударо мехаранд, онро гайшта бастабандӣ, навъгирӣ карда ба дилерони коргоҳҳои консервабарори мефурӯшанд. Корхонаҳои консервабарорӣ боз бастабандӣ карда уксус, муҳофизаткунандагонро ҳамроҳ карда каварро ба зарфҳои шишагин ҷойгир мекунанд. Минбаъд ин маҳсулот ба бозорҳои Европа, асосан ба Германия расонида мешвад.

Дар зинаи сеюм- истеҳсолоти консервбарорӣ ё коргоҳҳо аз кавар маринад истеҳсол мегардад. Раванди истеҳсоли маринад монанди коркарди бодиринг мебошад.

Дар ҳар зина –аз ҷамъоварӣ то маҳсулоти ниҳоӣ нархи он афзуда дар охир он аз ҳисоби харидор пардохта мешавад.

Thank you for trying PDF Suite

**Блок схемаи 2. Даврахои занчири бозории Кавар**




## Назорати сифат

Дар ҳама сатҳи коркарди кавар муҳим аст назорати сифат анҷом дода шавад. Ба назорати сифат ҳангоми навъгирӣ диққати махсус дода мешавад, то маҳсулот на танҳо аз рӯи андоза, балки аз шохча, барг ва дигар омехтаҳои нодаркор тоза карда шавад. Назорати сифат бояд ба талаботи бозорҳои содиротӣ ҷавобгӯ бошад.



Дар давраи ибтидоӣ нозир назорат мекунад, ки ба коркард чизҳои дигар ва предметҳо, аз ҷумла мева, баргу шохчаҳо ҳамроҳ нашавад.

**Расми 6. Тақсимбандӣ ва назорат дар сатҳи дуюм. Марокко.**

## Таҷхизот барои истеҳсоли кавар

Мувофиқи тавсиф дар блок схемаи 1-и раванди технологии кавар барои ташкили кор таҷҳизоти махсус харидан лозим аст. Бо ҳуҷҷати мазкур мо харидорӣ ва насби

Tha for trying PDF Suite

маҷмӯи минималии таҷҳизот ва сомон олотро барои ташкили истеҳсолот тавсия менамоем:

| **Амалиёти асосии технологӣ:** | **Номгӯи таҷҳизоти асосӣ** | **миқдор** | **Маблағи инвеститсия** |
|---|---|---|---|
| навъгирӣ | Мизи навъгирӣ-калибргирии назди деворӣ. | 2 | 1200 |
| | Фитаи транспортер | 1 | 1500 |
| санҷиш | Фитаи транспортер | 1 | 1500 |
| | Мизи санҷишӣ, деворӣ | 2 | 1200 |
| Калибргирӣ | Калибргир | 1 | 8000 |
| | Фитаи транспортер | 1 | 1500 |
| Тайёр кардани намакоб | дег, 150 л, | 1 | 2000 |
| Таҷҳизот ва сомон олоти умумикоргоҳӣ | Таҷҳизоти тозакунии ҳаво | 1 | 300 |
| | Тағора ва зарфҳои сирдор | 30 | 300 |
| | рафҳо | 10 | 5000 |
| | тарозу, 1 тоннагӣ | 1 | 300 |
| | Мебел, курсӣ, ҷевон, миз, маҷмӯъ | 1 | 2000 |
| Ҳамагӣ нархи таҷҳизот | | | 24800 |

Ҳангоми зарурат ва мушкилии ҷустуҷӯ, расонидан, лоиҳагирӣ ва монтажи таҷҳизот, ҷустуҷӯ ва интихоб, дизайни маводи бастабандӣ, коркарди ҳамагуна шартҳои техникӣ, дигар амалҳо ба ҶСК «Маркет плюс», бо нишонии ш. Хуҷанд, куч. Ленин 85а, телефони 992 92 7704522 (www.marketplus.org) муроҷиат намоед.
Ба ғайр аз таҷҳизоти мазкур мувофиқи талаботи харидорон таҷҳизоти иловагӣ, аз ҷумла тақсим ва бастабандӣ, этикеткачаспонӣ зарур шуданаш мумкин аст.

***Нигоҳдории*** кавар дар маҳлули сери намакин ва ё маринад метавонад 24 моҳ сурат гирад.

**6. Таҳлили молиявӣ**

Фаъолияти пеш аз амалиётӣ то оғози истеҳсолот хароҷоти мазкурро металабад:

| № | Номгӯи хароҷотҳо | Нарх бо долл. | эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | Иҷораи бино дар вақти насб ва таъмир (2 моҳ) | 1,000 | Минбаъд эзоҳи 1 |
| 2 | Харидории таҷҳизот (хароҷоти минималӣ) | 24,800 | Минбаъд эзоҳи 2 |
| | харидории контейнер ба сифати анбор | 1,000 | |
| | Музди меҳнати кормандон (давраи қабул, таҳсил, ба қудрат баромадан) – 1 моҳ | 1,500 | |
| | Таҷҳизонидани офис ва хонаҳои маишӣ | 1,700 | |
| | **Ҳамагӣ хароҷоти пешазамалиётӣ** | **30,000** | |
| | Таҳияи захираи кавар ва дигар мавод | 30,000 | Тахминан барои 30 тонна ашё |
| | Контейнерҳои 50 кг*$10 | 6000 | Зарфҳо барои 30 т маҳсулот |
| | **Ҳамагӣ захираҳо** | **36,000** | |
| | **Ҳамагӣ сармоя** | **65,300** | |

Thank you for trying PDF Suite

- Эзоҳи 1: Бино метавонад дар соҳибият, дар харидорӣ бошад, ки барои тайёр кардани он бештар аз 50,000 доллар зарур аст.
- эзоҳи 2: шояд нарх  аз ҳисоби харидории таҷҳизоти самараноктар зиёд гардад.

Истеҳсол ва коркарди кавар бизнеси махсус буда маълумот дар борраи он дар маҷаллаҳо нашр нашуда, дар биржа котировкаи нархҳо пайдо нашуд. Ҳамоно бинобар набудани нархҳои харид ба кавар, фоиданокии фаъолияти мазкурро муайян кардан мушкил аст. Танҳо метавон нархро дар муқоисаи соҳаҳои монанд, инчунин аз тадқиқоти иловагӣ ва ҷустуҷӯи харидорон дар байни корхонаҳои консервабарории Аврупо муайян карда шавад.

Барои содда кардани вазифа мо арзиши аслии каварро бо назардошти қудрати минималии таҷҳизоти пешниҳодшуда – рӯзе 1,6 тонна  муқаррар мекунем, ки мувофиқи он корхона метавонад дар як моҳ 30 тонна кавар коркард кунад. Дар ин ҳисобкунӣ ҳангоми 50%  таъмин шудани корхона, коркарди миёна дар як моҳ 15 тоннаро ташкил мекунад.

Тахмин мекунем, ки давраи истеҳсоли кавар, боркунӣ ва то харидорон расонидани он 2 моҳро ташкил медиҳад. Яъне маблағи воситаҳои барои сармояи гардишӣ зарурӣ 36000 доллар мебошад. Маблағи умумии минималӣ барои оғози бизнес 65300 доллари ИМА мебошад.

Аз ҷумлаи хароҷоти тағйирёбанда хароҷотҳо барои тайёр кардани ашё ва маводи бастабандӣ, неруи барқ, об, қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмири онҳо, хароҷот барои музди меҳнати коргарон ва ҳисобкунии андоз ба маблагӣ мазкур, инчунин реклама ва андоз дохил мешавад.

Харочоти доимӣ иборат аз хароҷот барои маъмурият, муҳофизат, фарсудашавии таҷҳизоту бино, хароҷот барои алоқа, хароҷоти идора, хароҷоти иловагӣ мебошад.

Ҷадвали 1. Номгӯи хароҷот

| Номгӯи бандҳо | нарх, доллар | микдор | хамагӣ | эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| Ашёи хом | 1 | 15,000 | 15,000 | Нарх бо ҳисоби тайёркунӣ, интиқол ва партовҳо |
| Маводи бастабандӣ | 10 | 300 | 3000 | |
| Музди меҳнати кормандон | | | 1,500 | |
| иҷора | 500 | | 500 | |
| фарсудашавӣ | | | 300 | меъёр 15% |
| Харочоти интиқол | | | 500 | |
| Дигар хароҷот | | | 500 | |
| Ҳамагӣ арзиши истеҳсолот | 1,42 | 15000 | 21,300 | |

Ҳамин тавр, дар ҳисобкунӣ нисбати 1 кг арзиши аслии он 1,42 долларро ташкил мекунад. Барои муқоиса маҳсулоти ниҳоӣ дар супермаркет 23 долларро аз ҳисоби барои 1 кг  ташкил мекунад.

Чунин меҳисобем, ки бизнеси мазкур фоидаовар аст, аммо дар ҳисоби баргардонии сармояи гузошташуда мавълумоти иловагӣ зарур аст.

**7. Хавфҳои амалиётӣ ва қонунгузорӣ**

Thank you for trying PDF Suite

Истеҳсолоти мазкур, ҳамчун ҳамагуна фаъолияти соҳибкорӣ, бо хавфҳое вобаста аст, ки бояд идора карда шаванд. Дар поён ҳавфҳои амалиётӣ - қонунгузорӣ ва роҳҳои рафъи онҳо оварда шудаанд.

| **Номгӯи хавфҳо** | **Роҳҳои кам кардани онҳо** |
|---|---|
| Гум шудани бор ( ғайриимкон будани ёфтани гунаҳгорон) бинобар убури марзҳо | Суғуртаи бор, кор бо фирмаҳои эътиборноки логистикӣ, интиқоли ҷавобгарӣ барои бор ба харидор |
| Ашёи хоми босифат | Омӯзиши ҷамъоварии дурусти кавар ба тайёркунандагон<br>Назорати сифатӣ ҳангоми вуруд ба тайёркунӣ ва аз тайёркунандагон |
| Маҳсулоти бесифат | Лабораторияҳои таҷҳизонидашуда<br>риояи технология<br>қабули технолог<br>ашёи хоми босифат<br>риоякунии меъёрҳои истеҳсолот<br>татбиқи низоми ХАССП |
| **Набудани харидор** | Таҳлили маркетингӣ<br>Бастани шартномаҳо ба воридкунӣ<br>стратегияи маркетингӣ |
| Қатъи неруи барқ | Интихоби коргоҳе зарур аст, ки ба неруи барқ дастрасӣ дошта бошад.<br>Инчунин зарур аст генератори барқ барои ба охир расонидани даври истеҳсолот ва бо барқ таъмин кардани раванди кор дар вақти қатъи барқ харидорӣ шавад. |
| Монеъ ба фурӯш, конфискатсияи бор аз тарафи мақомоти давлатӣ | Риоя кардани меъёрҳои назорати санитарӣ<br>татбиқи ISO 22000 |

**Бақайдгирӣ дар стандарти давлатӣ.** Бинобар он ки харидорон дар хориҷи кишвар ҷойгиранд, мо бо тартиботи содиротӣ бармехурем. Талаботи асосии ташкили содироти маҳсулот аз Тоҷикистон – пешниҳоди маълумот аз Стандарти давлатӣ оиди мувофиқати маҳсулоти мазкур ба стандартҳо мебошад. Аммо, дар бозори Тоҷикистон маҳсулоти монанди кавар нест, бинобар ин стандартҳо низ нестанд. Барои он, ки мушкилоти мазкур ҳал шавад, зарур аст, ки дар Стандарти давлатӣ Шартҳои техникӣ барои мҳсулоти мазкур таҳия ва тасдиқ шаванд.

**Хавфи қонунгузорӣ мавҷуд нест.**

**Хулоса оид ба асоснoккунии техникӣ-иқтисодӣ**

Бинобар таҳлили мазкур имкониятҳои татбиқи лоиҳаи истеҳсоли кавар дар Тоҷикистон дар сатҳи намояндагони БХМ аз тариқи асоснoккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳа оварда шудааст.

Кавари хордор — растании дорои шакли буттаи хурди дорои шохахои дарози паҳншаванда, хордор, ки аз номаш маълум аст. Доимо дар тамоми сол гул мекунад. Губунҳои ин растанӣ худ хуштаъмӣ мебошад, ки тайёр кардан мушкил аст, зеро кори дастиро металабад. Дар Тоҷикистон растанӣ хеле паҳншуда ва барои  домакӯҳҳо хос буда, ба шакли худрӯй фаровон мерӯяд. Он худ аз худ дар теппаҳо, соҳили рӯдҳо, харсангҳо, шағал, сангзорҳо, шӯрхокҳо, регзор, биёбон,



Thank you for trying PDF Suite

бому деворҳо, ҳамчун алафи бегона дар киштзорҳо мерӯяд. Навдаҳои нав, гулбун, меваи онро ба ғизо ба шакли тару тоза ва ё маринадшуда истифода менамоянд.

Тибби мардумӣ аз қадимулайём каварро барои табобати бемориҳои гуногун истифода мекунанд. Ҳамчунин кавар – қисми муҳими пантеони хушбӯиҳои классикии баҳримиёназамин мебошад, ки ба он зайтун, салати рокет, анчоус ва артишок дохил мешаванд.

Дар гипермаркет ва супермаркетҳои шаҳрҳои калон кавари консервашуда дар фурӯш мавҷуд аст. Дар Тоҷикистон кавар дар лаҳзаи татбиқи таҳқиқот истеҳсол намегардад. Маҳсулоти мазкур дар Тоҷикистон рақиб надошта, фарҳанги истеъмоли ин маҳсулот низ мавҷуд нест.

Ба андешаи мо, ташкили бизнес оиди ҷамъоварӣ ва коркарди кавар дар Тоҷикистон бояд танҳо барои содирот, асосан ба бозори Аврупо самт дода шавад. Дар давраи аввал бояд ҳамкориҳо бо ширкатҳои коркардкунандаи кавар баста шаванд, ки барои онҳо мо каварро ҳамчун нимашё содир мекунем, баъд ин корхонаи ҳамкор барои маҳсулоти ниҳоӣ ва баромадан ба бозорҳои аврупоӣ ҷавобгар хоҳад буд.

Дар Тоҷикистон касе каварро истеъмол ва истеҳсол намекунад. Ба ғайр аз он, яке аз лаҳзаҳои муҳим он аст, ки технологияи пешниҳодшаванда сатҳи пасти автоматизатсияро дар назар дорад. Асосан истифодаи меҳнати дастӣ дар назар аст, ки шуғли аҳолиро таъмин менамояд.

Аз рӯи маълумоти пешакӣ ҳаҷми бозори кавар бузург аст. Қирғизистон ба Туркия дар як сол бештар аз 300 тонна кавар содир мекунад. Аз рӯи маълумоти таҳқиқоти университети Алеппо, аҳолии деҳоти Сурия дар як сол бештар аз 4000 тонна кавар истеҳсол карда ҳамаи онро ба савдогарони Туркия мефурӯшад.

Маҳсулоти тайёршуда ба корхонаҳои консервабарорӣ, ки барои бозори Аврупо кавар тайёр мекунад, расонида мешавад. Аз ҷумлаи чунин маҳсулот метавонад истеҳсолгарони туркӣ ва ҳам истеҳсолкунандагон аз аврупо бошанд. Маҳсулоти ниҳои дар бозори Европа фурӯхта мешавад.

Аз рӯи анъана кавар барои савдои чакан ба зарфҳои шишгини гарданборик бо сарпушҳои твист-офф истеҳсол мешавад. Барои истеҳсоли нимашё – бастабандии кавар метавонад ғунҷоиши гуногуни то 50 литр дошта бошад. Таҳлили қонунгузорӣ нишон дод, ки шакли мувофиқтарини ташкилоти коркард Ҷамъияти саҳомии кушода, ва ё кооперативи истеҳсолӣ мебошад.

Интихоби ҷойгиршавии соҳибкорӣ бояд наздикиро ба ашёи хом, ки аз он маҳсулот истехсол мешавад, ба назар гирад. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ истеҳсолоти мазкур метавонад якмаром дар шимолу ҷануби Тоҷикистон фаъолият намояд. Барои истеҳсолот бинои худӣ ва ё иҷоравӣ истифода карда шавад.

Ашёи хоми мувофиқ барои ҷамъоварӣ дар давраи аз июн то сентябр мавҷуд аст. Аммо барои сатҳи коргохи хурд харидории кавар аз аҳолӣ метавонад тамоми сол ба роҳ монда шавад. Яъне хангоми ташкили дурусти бизнес ва тайёркунии он дар ҷойҳо, корхона метавонад тамоми сол фаъолият карда воридшавии ашёи хом пешакӣ ба нақша гирифта мешавад.

Барои ба роҳ мондаи истеҳсолот қабули коргарон ба миқдори 12 нафар, аз ҷумла коргарони истеҳслоӣ-6 нафар лозим аст. Қувваи корӣ тамоми сол мавҷуд аст. Барои ташкили ҷамъоварии кавар бояд нуқтаҳои тайёркунӣ дар хонаҳои аҳолӣ зарур аст. Дар ҳар қишлоқ бояд тайёркунанда интихоб гардад, ки ба ӯ аҳолӣ кавари ҷамъоваришударо месупорад. Нархи кори тайёркунанда ба нархи тайёркунии кавар дохил мешавад.

Кавари гуворотани қиммат кавари майда, мудаввар ва сахти «nonpareilles» - дар тарҷума «беҳамто» мебошанд; аз арзонаш - «capucines» (капуцин), инчунин «capottes» (капюшон), ки аз беҳамто ба маротиб калонтар аст, мебошанд.

Таҳлили татбиқшаваии техникии лоиҳа нишон дод, ки раванди мазкур мураккаб набуда имконияти ба даст овардани таҷҳизоти зарурӣ мавҷуданд. Ҷои

нозуки истеҳсоли кавар сифати ашёи хом мебошад. Аз ҷумла каварчинону тайёркунандагон бояд ба ҷамъоварии дуруст ва санҷишҳо омӯзонида шаванд.

Истеҳсол ва коркарди кавар бизнеси махсус буда маълумот дар бораи он дар адабиёти дастрас нашр намешавад. Дар айни замон бинобар мавҷуд набудани маълумот оиди нархи хариди кавар фоидаоварии фаъолияти мазкурро аниқ кардан мушкил аст. Мумкин аст танҳо дар муқоисаи соҳаҳои монанд, инчунин аз тадқиқоти иловагӣ, ҷустуҷӯи харидорон дар байни корхонаҳои консервабарории Европа онро тахмин кард.

Мувофиқи ҳисобкуниҳои мо арзиши аслии коркарди кавар 1,42 долларро барои 1 кг ташкил мекунад. Барои муқоиса маҳсулоти ниҳоӣ дар супермаркет барои 1 кг метавонад 23-30 долларро ташкил мекунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки хароҷоти амалиётӣ миёна буда бизнесро бе мавҷудияти харидорон ва бастани шартномаҳо татбиқ карда намешавад, хавфҳои қонунгузорӣ минималӣ мебошад. Инчунин то оғози истеҳсолот бояд стандарти давлатӣ шартҳои техникӣ барои истеҳсоли маҳсулоти мазкур таҳия ва тасдиқ карда шаванд.

Ба ин тариқ, таҳлил нишон дод, ки лоиҳаи коркарди кавар аз ҷиҳати техникӣ татбиқшаванда буда бизнеси мазкур фоиданок аст, аммо барои ҳисобкунии баргардонии сармояи гузошташуда маълумоти иловагӣ ва бозорҳои мушаххас зарур аст.

Thank you for trying PDFSplit

Замимаи 1.

**Маълумот барои тамос бо баъзе коркардкунандагон ва истеҳсолкунандагони кавар ҳамчун маҳсулоти ниҳоӣ аз Туркия.**

1. Истеҳсолкунанда MELIS- EURO GIDA

Нишонӣ: Anadoluhisarı Hisar Caddesi Setüstü Sokak No: 2 Beykoz 34810 İstanbul / Türkiye
Телефон: 90 216 462 15 01 , Факс: +90 216 462 20 61
Номи маҳсулот: Capers in brine

2. Истеҳсолкунанда Burcu konservecilik dis Tic.ltd.sti. canned foods

Шахси дар тамос: İlkay Bayram
Нишонӣ: Kazim dirik mah. Piramit iş merkezi no:18 kat:2 bornova izmir / Turkey
Телефон: +90 232 486 21 20, Факс: +90 232 486 08 96
Номи маҳсулот: Capers in brine

3. Истеҳсолкунанда DENIZ TARIM URUNLERI TIC. VE SAN. A.S.

Нишонӣ: Sanayi Cad. No:8 TR-2770 Nizip / Gaziantep / Turkey
Телефон: +90.342.513 03 50 Pbx, Факс: +90.342.513 03 53
Ширкат танҳо барои кавар ва зайтун махсус шудааст.
Номи маҳсулот: Capers

4. Истеҳсолкунанда EGE GIDA OFISI TARIM URUNLERI LIMITED SIRKETI

Нишонӣ: Kasabasi Akhisar Cumhuriyet Mah., No. 99 Ballica, Manisa/ Turkey
Телефон: +90 232 4336813, Факс: +90 232 4331127
Ширкат танҳо барои кавар ва зайтун махсус шудааст.
Номи маҳсулот: Capers

5. Ширкати савдо: Emirgan Foreign Trading CO LTD.

Шахси тамос: Serkan Yaray
Нишонӣ: 1472 Sok. No:44/7 Alsancak-İzmir/Turkiye
Телефон: 0090 232 4220018, Факс: 0090 232 4220081
Номи маҳсулот: Capers

Thank you for trying PDF Suite